«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ж. Б.________________
«___28___»________________2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ба бандҳои 9-10 шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Иқдоми навҷӯӣ ва падидаҳои тозаи шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз оғози солҳои шастум маҷрои тозаеро ба худ гирифта, як зумра адибон бо тарзу услуби тозанигорӣ ба адабиёти ин давра ворид гардиданд. Дар рушд ва такомули ин падидаи наҷиб таъсири адабиёти Эрону Афғонистон назаррас буда, алоқаи эҷодии онҳо пайваста қавӣ мегардад. Аз ин иқдому майлҳои тозаи адабӣ қаламкашони давр истиқбол намуда, вобаста ба пешравии анъана ва навоварӣ дар адабиёт дастоварду муваффақият ва барори навинро ба каф оварданд. Баъди иқдоми ҷолиби тозакориҳои эҷодии А. Шукӯҳӣ, Ғ. Мирзо, М. Қаноат шоирони ҷавони дар саҳни адабиёт гоми тоза гузошта, аз қабили Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон ин равияи навҷӯии эҷодиро такомул дода, ба кашфиёти беҳтари эҷодӣ муваффақ гардиданд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Алимуҳаммад Муродӣ шоире мебошад, ки бо эҷодкорию навоварӣ ва хушбаёниву тозапардозӣ дар адабиёти тоҷик

қаламронииҳои назаррас карда, дар ашъори ӯ тасвир ва тавсифи Ватан, арзишҳои миллию таърихии фарҳанги ниёгон, шинохти муқаддасоти он, инчунин таранниуми ғояҳои олии инсонӣ мавқеи муҳимро доро мебошанд. Ӯ ҳам дар анвои суннатӣ – ғазалу достон, маснавӣ, рубоию дубайтӣ, мусаммат ва ҳам шаклҳои нави шеърӣ – чаҳорпора ва арузи нав маҳорати баланд зоҳир намуда, аз нигоҳи мавзую мундарича ва сабки баёну ифода хонандагони бештареро ба худ чалб намудааст. Ҳамин нуктаи назари асосӣ ва дар шакли рисолаи илмӣ-пажӯҳишӣ ба таҳқиқ фаро гирифтани он бо мақсади мавқеъ ва нақши шоирро дар назми муосири тоҷик муайян намудан ва дар ҳалли масъалаҳои анъанаву навоварӣ дар жанру вазни шеър ва дигар паҳлуҳои назарии адабиёти тоҷик аз **мавзуъ ва масоили мубрами** илми адабиётшиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар шеъри А. Муродӣ сабки кутоҳбаёнию фишурдатасвирӣ аз дигар адибон тафовути ҷиддӣ дошта, пажӯҳишу баррасии чунин қисмати адабиёт барои мутахассисони соҳаи адабиётшиносӣ вазифаи аввалиндараҷа ва **муҳим** маҳсуб ёфта, рисолати муқаддимавии ҳар як адабиётшинос ба шумор меравад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Таҳқиқ ва маводи гирдоваришуда унвонҷӯро ба ин натиҷа расонида, ки "маҳорати эҷодии шоир, пеш аз ҳама, дар истеъдоди ҳасратбарангези ӯ дар таҷассуми ҷаҳони атрофи ҳиссу афкори қаҳрамонони ғиноӣ, тарзи ҷолиби суханронии шоирона, таровати тасвирҳо ва истифодаи роҳу воситаҳои мухталифи тасвири бадеӣ зоҳир мегардад" [диссертатсия, с.10]. Кашфи паҳлуҳои эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ дар шинохти ҷанбаҳои мухталифи адабиётшиносии муосири тоҷик, маърифати масоили назарии шеър, нақшу рисолати шоиру муҳаққиқи адабиёт бисёр арзишманд мебошанд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масоили дар бобу фаслҳои рисола матраҳшуда буда, асос ва ҷанбаи қавии илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Рисолаи илмии Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои

мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» як падидаи илмии наву пурмуҳтаво маҳсуб ёфта, дар адабиётшиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши серҷабҳа ва мукаммал дар мавриди зиндагинома ва осори адабии Алимуҳаммад Муродӣ маҳсуб меёбад. Арзёбии рӯзгору эҷодиёти шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар таҷассум намудани зиндагии иҷтимоӣ ва ҳаёти фарҳангии кишвари азизамон мақоми шоиста касб намуда, бад-ин васила, дар густариши шеъри нимаи дуюми садаи бист ва, махсусан, адабиёти замони Истиқлол ҳиссаи беназир дорад. Муҳаққиқ барҳақ таъкид намудааст, дар осори адиб ҳам шаклҳои суннатии шеърӣ ва ҳам арӯзи нав мавқеи созгор дошта, дар тамоми ин шаклҳои шеърӣ тозакориву навовариҳо ворид намудааст. Хусусан, шеърҳои кутоҳи якмисраъгию думисраъгӣ ва семисраъгии ӯ бо хусусиятҳои ҷолиб ва фалсафаи баланди шеърию хулосаҳои амиқ басо назаррас мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** бар он асос меёбад, ки ин таълифот яке аз тозатарин пажӯҳиш ва арзёбии мукаммали илмӣ дар омӯзиши шеъри муосири тоҷик, корбурди зиёди арузи нав дар каломи ҳунарӣ ва хосатан, эҷодиёти серпаҳлуву доманадори шоир мувофиқат менамояд. Натиҷаҳои пажӯҳиш ва маводу хулосаҳои диссертатсия дар навишти китобҳои тозаи дарсии макотиби миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ кӯмаки амалии бевосита мерасонанд. Инчунин, диссертатсия ба устодону донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавони риштаҳои филологию рӯзноманигорӣ дар омода намудани маводи таълимии фанҳои назарияи адабиёт, муқаддимаи адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои махсус, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ёрии амалӣ мерасонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки ба мушаххас намудани мухтассоти назми муосири тоҷик ва замони истиқлол, муайян кардани имкониятҳои арузи нав дар назм, ки фарогири ҷанбаҳои гуногуни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ мебошанд, таъйид месозад. Ғайр аз ин, маводи диссертатсия дар тадриси курсҳои таърихи адабиёти тоҷик,

баргузории дарсҳои амалию семинарҳои махсус маводи зарурӣ буда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Хулосаҳои пажӯҳиши диссертатсионии Саъдуллозода Исматулло боварибахш буда, қабл аз ҳама, дар асоси ковишҳо, арзёбиву муҳокимарониҳо ва, муҳимтар аз ин, бар мабнои далелу аснод бунёд ёфтаанд ва аз натиҷагириҳои самарабахши илмии диссертант башорат медиҳанд. Пайванди қавии кори таҳқиқӣ бо барномаҳои илмӣ бозгӯйи он аст, ки дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои диссертатсия баҳсҳои пурсуди илмӣ ва бозёфтҳои чашмраси илмӣ ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои таҳқиқ, ки маҷмуан, дар 9 банд баён шудаанд, асоснок мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муҳимтарин масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд, аз ҷониби роҳбари илмии диссертант нақшабандӣ шудаанд. Рисоланигор хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори шоирро дар асоси маводи зиёди илмӣ ва бадеӣ таҳқиқ намуда, тавонистааст, ки ҷойгоҳи А. Муродиро дар адабиёти муосири тоҷик ва замони Истиқлол таъйин намояд. Ҳамчунин, саҳми шахсии диссертантро иштирок дар маҳфилу ҳамоишҳои илмӣ ва интишороти ӯ доир ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамоянд.

Дар маҷмуъ, дар диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шудааст, ки доираи мавзуоти ашъори А. Муродӣ васеъю доманадор буда, Ватан ва ватандӯстӣ, ситоиши модар, тараннуми ишқу муҳаббат, васфи айёми бачагӣ ва инъикоси манзараҳои табиат аз ҷумлаи он мавзуот маҳсуб меёбанд. Мувофиқи таъкиди диссертант, ашъори А. Муродӣ, ки дар шаклҳои суннатӣ шеърӣ (ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, тарчеъбанд, манзума, достон) суруда шудааст,

дар эҷодиёти ӯ мақоми хоссаро касб намудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 4 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори А. Муродӣ, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, нишонгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом шуда, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили навпардозӣ дар шеър маводи қобили мулоҳиза мебошад.  Ба таври умум, омӯзиши вазни ашъор, шаклҳои тозаи шеърӣ, дидгоҳҳои завқӣ-назарии А. Муродӣ дар шинохту маърифати масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти даврони Истиқлол пураҳаммият аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, 3 боб, 10 фаслу 7 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 179 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои асосӣ, ҷанбаи назарию амалии диссертатсияро фарогир мебошад. Аҳаммияти илмии мавзуъ ва маъхазҳои илмӣ дар кор тавсиф гардида, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ироз шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия **«Рӯзгор ва осори Алимуҳаммад Муродӣ»** ном дорад ва аз ду фасл иборат мебошад. Дар **фасли аввал** – **«Зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ»** дар бораи макони таваллуд ва зиндагиномаи шоир бо аслу насаб, ҳаёт ва фаъолияти ӯ сухан меравад.

**Фасли дуюм «Осори бадеии шоир»** буда, дар ин фасл марҳилаҳои эҷодии шоир аз оғоз то ба имрӯз баррасӣ мегардад. Шеъри нахустини Алимуҳаммад Муродӣ «Суруди вафодорӣ» [15, с. 6] унвон гирифта, ҳанӯз соли 1975 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба табъ расидааст. Санаи 2-юми декабри соли 1976 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» шеърҳои дигари ӯ, ба монанди «Қафас бишкан» ва «Оянда дар пеш» нашр шудаанд. Китоби якумини Алимуҳаммад Муродӣ соли 1983 бо сарсухани Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб бо номи «Дастниҳол» чоп шудааст. Диссертант муайян намудааст, ки баъдан маҷмуаҳои дигари шоир таҳти унвонҳои “Нози Наврӯз”, “Чароғи рӯзадор”, “Хайрбоди баҳор”, “Моҳи хасрав”, “Боғи Мурод”, “Сунбулкон”, “Шафақи шом” ва ғайра пайи ҳам ба чоп расидаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Ҷанбаҳои мавзуии ашъори адиб»** номгузорӣ шуда, чаҳор фаслро дар бар мегирад, ки он роҷеъ ба мавзуъҳои асосии ашъори А. Муродӣ баҳс мекунад. **Фасли якуми боби дуюм «Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ»** унвон гирифтааст. Рисоланигор бар он аст, ки мавзуи Ватан ва ватандорӣ дар адабиёти гузаштаи тоҷику форс низ яке аз мавзуъҳои муҳим маҳсуб гардида, тараннуми ин навъи ашъор дар шеъри А. Муродӣ ҷойгоҳи боризеро касб намудааст. Ин мавзуъ дар асоси маҳорати баланди эҷодии шоир арзёбӣ гардида, дар пояи самимияту садоқати баланд перомуни зебоии диёр ва муҳаббат ба он тавсиф шудааст. **Фасли дуюми боби дуюм «Баррасии мавзуи бачагӣ»** номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ дар китоби шоир тақрибан бист шеъри ба мавзуи бачагӣ бахшидаи адибро мавриди таҳлил қарор дода, ба ин натиҷа мерасад, ки шоир ин давраи ҳаёти инсониро поку беолоиш, зебою равшан ва хурраму дилнишин дарёфтааст. Шеърҳои «Садои пои баҳор», «Истиқлолият», «Бачагӣ», «Шаби ошуфта», «Баҳори бачагӣ», «Санҷиш», «Истиқболи бачагӣ», «Такрори афсона», «Орзуи бачагӣ», «Дидори тифлӣ», «Дарёи умр» бозгӯйи ҳамин андешаҳо ҳастанд. **Фасли сеюми боби дуюм «Ситоиши модар»** номида шудааст. Бинобар таъкиди диссертант,

Алимуҳаммад Муродӣ ҳанӯз аз давраҳои аввалини қалам ба даст гирифтанаш ба ситоиши модар мепардозад, ки ин ҷараён то имрӯзи эҷодиёти ӯ идома дорад. Шоир дар ин мавзуи муқаддас ашъори зиёде сурудааст. Шеъри нахустини ӯ дар ин мавзуъ «Шеъре зи панҷ ҳарф» ном дорад. Унвони **фасли чоруми боби дуюм «Тараннуми ишқу муҳаббат»** мебошад. Ин мавзуъ ҳам дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ ҷойгоҳи вижа дошта, махсусан, дар китоби «Сунбулкон» шеърҳои зиёди ишқии ӯ гирд оварда шудаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои жанрии ашъор ва хунари нигорандагии шоир»** номгузорӣ гардида, чаҳор фаслро доро аст. **Фасли якуми ин боб «Ашъори дар жанрҳои суннатӣ эҷодкардаи шоир»** буда, дар он пуркорбурдтарин жанрҳои ашъори шоир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Диссертант таъкид месозад, ки як паҳлуи муҳимми эҷодиёти А. Муродиро ашъори дар шаклҳои суннатӣ эҷоднамудааш фарогир мебошанд. Бо вуҷуди дар нимаи дуюми қарни бист арузи наву чаҳорпора ба тадриҷ мавқеи асосиро касб намуда истодан, адиб кӯшидааст, ки дар осори хеш аз жанрҳои суннатӣ, аз қабили ғазал, маснавӣ, қитъа, мусаммат, мустазод ва рубоию дубайтӣ бештар корбаст намояд. Фасли якуми боби сеюм чаҳор зерфаслро, ба мисли: **“Мавқеи ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ”, “Навъҳои дигари шеърҳои суннатӣ дар ашъори адиб”, “Тарҷеот”** ва **“Манзума ва достонҳои Алимуҳаммад Муродӣ”** дар бар гирифтаанд. Ба қавли рисоланигор, таҳлили ашъори суннатии шоир чунин хулосаеро дорост, ки чунин кашфи маънои шоирона, тасвир, лаҳзаву ҳолат, ҳис ва таркиби баён дар ин қабил шеърҳо дар ҳавзаи андешаю тафаккури ӯ бо шева ва равишу сабки ба худ хос хулосабардорӣ шудаанд. Мувофиқи андешаи муҳаққиқ, дар чунин анвои шеърӣ масъалаю ҳодисаҳо аз назари моҳият ва ҷиҳатҳои фалсафию иҷтимоии ҳаётӣ бештар ғанию мукаммал ва рангоранг буда, онҳо риштаҳои нозуктарини ҳаётии воқеотро бо тобишу ҷилои навин дар назари хонанда ҷилвагар менамоянд. Фасли дувуми боби сеюм **“Шеъри**

**нав**” унвон дошта, муаллиф таъкид месозад, ки дар осори А. Муродӣ ҳам шакли чаҳорпора ва ҳам шеърҳои нимоии зиёд ба назар мерасанд. Дар ашъори Алимуҳаммад Муродӣ чаҳорпора мавқеи аз ҳама баландро касб намуда, миқдори он дар гулчини ашъори шоир ба 112 расидааст. Чунин навъҳои шеърӣ бо маонии рангин, қофиябандиҳои мутафовит ва навовариҳои ҷудогонаи шаклӣ аз ҳамдигар фарқ дошта, қисмати аъзами эҷодиёти шоирро ташкил медиҳанд. Дар китоби «Сунбулкон» 159 адад шеъри дар шакли нимоӣ эҷодгардида ҷой дода шудааст. Шеърҳои нимоии шоир бо қолибҳои хурду ихчам ва кутоҳи худ аз дигар адибон тафовути ҷиддӣ дошта, дар шаклҳои хурд маънии фаровонро гунҷонида тавонистааст. Зерфасли сеюми фасли сеюми боби сеюм “**Шеърҳои хурди тасвирӣ**” ном дорад. Дар ашъори А. Муродӣ ин навъи шеърӣ 702 адад мебошад, ки аз онҳо теъдоди  209-тои он шеъри хусравонӣ ва 493 ададаш навхусравонӣ  мебошанд. Фасли сеюми боби сеюми диссертатсия “**Вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ**” ном дорад ва муҳаққиқ муайян намудааст, ки Алимуҳаммад Муродӣ бештар дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, хафиф, музореъ, мутадорик, муҷтасс шеърҳо эҷод намудааст. Фасли чаҳоруми боби сеюми рисола “**Ҳунари нигорандагии шоир**” унвон гирифтааст ва қайд шудааст, ки маҳорати эҷодии А. Муродӣ, пеш аз ҳама, дар тасвиркорӣ, баёни ҷозиб, суханороии тоза ва истифодаи ҷолиби санъатҳои бадеӣ аён гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 10 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати муаллиф аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи адабиётшиносӣ собит месозад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводи нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот дорад ва мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмию таҳқиқӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани ҳусни илмии кор аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба андешаи мо, дар баъзе фаслҳои рисола (фаслҳои 1 ва 2-юми боби I ва зерфасли 4-уми фасли сеюми боби III) сабки илмии таҳқиқот бо услуби публитсистӣ омезиш ёфтааст.

2. Фаслҳои дуюм ва чоруми боби дуюми диссертатсия асосан характери тавсифӣ доранд.

3. Дар мавриди унвонгузории фаслҳои бобҳо ва фарогирии самти таҳқиқот дар рисола агар муаллиф ба муҷазбаёнӣ ва дақиқкорӣ роҳ медод, имкони бештари кушодани муҳтавои таҳқиқот ба ӯ муяссар мешуд.

4. Хулосаҳои муаллиф дар охири ҳар боб муфассал тазаккур ёфтаанд, вале дар бахши «Хулоса» мухтасар ва умумӣ мебошанд, ки баръакс овардани

онҳо ба назари мо беҳтар аст.

5. Дар диссертатсия қисман хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ. 9, 10, 13, 17, 35, 44, 61, 109, 118, 139, 153 ва ғ.) дида мешаванд.

Ба ҳеҷ ваҷҳ, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии кори таҳқикиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарурии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи номзадии тақризшаванда маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиби таърихию адабӣ гирифтан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, месазад онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик маҳсуб донист.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқarrаргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқarrароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 1/1, аз 28-уми августи соли 2025).
Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Шамсов Н. С.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Боев Ш. Э.

**Имзоҳои профессор С. Хатлонӣ, Н.С. Шамсов ва Ш. Э. Боевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев,17/6
Тел: +992 (37) 2325000, 2328730, факс: 2325003
mail: rector@ddzt.tj; info@ddzt.tj; ddzt@ddzt.tj
Сомона: www.ddzt.tj